ТАҲЛИЛИ
таъсири танзимкунии лоиҳаи
Тартиби амалисозии назорати низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Тартиби амалисозии назорати низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо паҳн мегардад | Таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ, операторони низоми пардохтӣ, операторони хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ |
| Мӯҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 15 декабри соли 2020 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумхурии Тоҷикистон санаи 24 июни соли 2020 ҷойгир карда шудааст |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур таклифу пешниҳодҳо ворид нагардидааст. Пас аз дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз 26 июн то 28 июли соли 2020 машварати оммавӣ гузаронида шуд. Ҳангоми гузаронидани машвари оммавӣ аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии | Мавриди зикр аст, ки фаъолияти таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ, операторони низоми пардохтӣ ва операторони хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ хусусияти ба худ хос |

| | |
|---|---|
| ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | доранд ва танзиму назорати онҳо бояд ҳатман тибқи принсипҳои инфрасохтори бозори молиявӣ дар асоси назорати ба хавф нигаронидашуда амалӣ гардад.<br>Айни замон тибқи муқаррароти моддаи 14 Қонуни ҶТ “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” айни замон аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба 5 низоми пардохтии ватанӣ ва 10 низоми пардохтии байналмилалӣ иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ дода шудааст (ҳамагӣ 15 иҷозатномаи амалкунанда).<br>Бинобар сабаби мавҷуд набудани санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор вобаста ба амалисозии назорати низоми пардохтӣ ва ҷой надоштани механизми мушаххаси баамалбарории чунин назорат, анҷом додани назорати фаъолияти таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ, операторони низоми пардохтӣ ва операторони хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ дар асоси муқаррароти хусусияти умумидоштаи қонунгузории соҳа мушкил гашта истодааст. Аз ин лиҳоз, зарурат пеш омадааст, ки Тартиби мазкур қабул карда шавад, то ин ки фаъолияти таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ, операторони низоми пардохтӣ ва операторони хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ дар доираи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ”, инчунин санадҳои меърии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон назорат карда шавад.<br>Дар ҳолати қабул нагардидани қарори мазкур ва андешида нашудани ягон амал, таъмини фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таъмини заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар самти назорати низоми пардохтӣ ва баҳогузории риояи қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқукии Бонки миллии Тоҷикистон дар ин самт, санҷиш ва баҳогузории фаъолияти ташкилотҳои |

| | |
|---|---|
| | назоратшаванда (хусусан, операторони низоми пардохтӣ, ки ташкилоти қарзӣ намебошанд) барои таъмин намудани мутобиқати онҳо ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин стандартҳои байналмилалӣ, мониторинг ва идоракунии хавфҳои низоми пардохтӣ, ташкили назорати дохилӣ, ҳамчунин ошкор намудани амалу кӯшишҳое, ки ба манфиатҳои иштирокчиёни низоми пардохтӣ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои пардохтӣ таҳдид мекунанд, ғайриимкон мегардад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Мақсади қабули Тартиби мазкур ва ба ин васила дахолати давлат дар самти фаъолияти таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ, операторони низоми пардохтӣ ва операторони хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ - ин муайян ва ошкор намудани ҳолатҳои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи пешниҳоди хизматрасониҳои пардохтӣ ва мутобиқ сохтани фаъолияти ташкилотҳои зикршуда ба талаботи қонунгузории соҳаи ишорашуда мебошад. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, ӯҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асоснокқунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Дар заминаи таҳия ва қабул намудани Тартиби мазкур, ба роҳ мондани танзим ва назорати фаъолияти таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ, операторони низоми пардохтӣ ва операторони хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ, аз он ҷумла иштирокчиёни низоми пардохтӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар мешавад.<br>Дар доираи Тартиби мазкур чораҳои зерин доир ба амалисозии назорати фаъолияти таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ, операторони низоми пардохтӣ ва операторони хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ фаро гирифта мешаванд:<br>- ҷамъоварӣ, мураттабсозӣ ва таҳлили иттилоот (аз ҷумла маълумоти ҳисоботҳо), ки ба фаъолияти ташкилотҳои назоратшаванда ва иштирокчиёни низомҳои пардохтӣ, инчунин сохтори ташкилӣ ва фаъолияти низомҳои пардохтӣ дахл дорад;<br>- арзёбии фаъолияти ташкилотҳои |

| | |
|---|---|
| | назоратшаванда ва иштирокчиёни низоми пардохтӣ;<br>- омода намудани таклифҳо оид ба тағйир додани фаъолияти ташкилотҳои назоратшаванда ва иштирокчиёни низоми пардохтӣ аз рӯи натиҷаи арзёбӣ;<br>- санҷиши фаъолияти ташкилотҳои назоратшаванда дар ҷойҳо;<br>- санҷиши аз ҷониби ташкилоти назоратшаванда риоя шудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ" ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон;<br>- санҷиши фаъолияти ташкилоти назоратшаванда дар самти мутобиқат ба талаботҳои таъмини фаъолияти мунтазами низомҳои пардохтӣ ва низоми идоракунии хавфҳо дар низоми пардохтӣ, ки Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар кардааст;<br>- санҷиши риоя шудани талаботи таъмини амнияти иттилоот дар низоми пардохтӣ;<br>- ошкор кардани ташкилотҳои назоратшаванда, ки фаъолияти низомҳои пардохтии аҳамиятнокро таъмин мекунанд ва санҷиши мутобиқати фаъолияти онҳо ба талаботи барои низомҳои пардохтии аҳамиятнок муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон;<br>- санҷиши мутобиқати ҳуҷҷатҳо ва иттилооти (аз ҷумла, маълумоти ҳисоботӣ) ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳодшуда ба фаъолияти воқеии ташкилоти назоратшаванда;<br>- санҷиши аз ҷониби оператори низоми пардохтӣ татбиқ шудани тартиби назорати иҷрои қоидаҳои низоми пардохтӣ;<br>- муайян намудани низомҳои пардохтии ниҳоят муҳим ва аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳим;<br>- қабул кардани Принсипҳои инфрасохтори бозори молиявии Кумитаи пардохтҳо ва инфрасохтори бозории Бонки ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ ва Ташкилоти |

| | |
|---|---|
| | байналмилалии комиссияи коғазҳои қиматнок, татбиқпазирии онҳо ва таъмини татбиқи ин принсипҳо нисбати ҳамаи низомҳои пардохтии ниҳоят муҳим ва аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳим;<br>- татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ дар ҳолати аз ҷониби ташкилотҳои назоратшаванда риоя нашудани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон;<br>- баҳо додани нақшаҳои чорабиниҳои ташкилоти назоратшаванда, ки барои рафъи камбудиҳои ошкоршуда равона шудааст, агар таҳияи нақшаро Бонки миллии Тоҷикистон тавсия дода бошад.<br>Инчунин, Бонки миллии Тоҷикистон метавонад бо дигар мақомоти давлатӣ, ки ба танзиму назорати низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дигар ташкилотҳое, ки бевосита ё бавосита ба низомҳои пардохтӣ ва фаъолияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб шудаанд, ҳамкорӣ намояд.<br>**<u>Ухдадориҳо.</u>**<br>Дар доираи Тартиби мазкур нисбати таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ ва операторони низоми пардохтӣ ухдадориҳои зерин муқаррар мегардад:<br>– доштани сиёсат, расмиёт ва сохтори идоракунии хавфҳо;<br>– муайян намудани нақш ва ухдадориҳои роҳбарияти сохтори идоракунии низоми пардохтии ниҳоят муҳим;<br>– доштани таҷрибаи муносиби корӣ ва малакаи кофӣ аз ҷониби роҳбарияти оператори низоми пардохтии ниҳоят муҳим, ки барои иҷрои ухдадориҳои он ҷиҳати таъмини фаъолияти мунтазами низоми пардохтӣ ва идоракунии хавфҳои низоми пардохтӣ зарур мебошанд;<br>– риоя кардани принсипҳои инфрасохтори бозори молиявии Кумитаи пардохтҳо ва инфрасохтори бозории Бонки ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ ва Ташкилоти |

| | |
|---|---|
| | байналмилалии комиссияи коғазҳои қиматнок аз тарафи низоми пардохтии ниҳоят муҳим;<br>– масъул будан ҷиҳати иҷрои талаботҳои муқаррargардидаи Тартиб оид ба идоракунӣ, назорат ва мониторинги хавфҳо, ошкор, баҳогузорӣ ва идора кардани бархурди манфиатҳо, муайян кардани стратегия ва тартиби фаъолият;<br>– риоя намудани ҳамаи уҳдадориҳои меъёрие, ки аз Тартиби мазкур оид ба аутсорсинг бармеояд, аз ҷумла доштани қобилияти назорат кардани вазифаҳои ба аутсорсинг вогузоршуда;<br>– риоя намудани шартҳои тибқи Тартиби мазкур муқарраршуда ҳангоми вогузории вазифаҳои муҳими амалиётӣ ба аутсорсинг;<br>– доштани салоҳияти дахлдор ва захираҳои тахассусии кофӣ барои таъмини идоракунии матлуб ва назорати механизмҳои аутсорсинг;<br>– таъмин намудани ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои пардохтиро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби мазкур;<br>– риоя намудани талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон.<br>Операторони хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ уҳдадоранд:<br>- хавфҳои дахлдори амалиётию молиявии худро ошкор ва идора карда, инчунин тақвияти равандҳои идоракунии хавфҳоро таъмин намоянд;<br>- тартиб ва расмиёти дахлдорро татбиқ намуда, барои таъмини дастрасӣ, боэътимодӣ ва устувории хизматрасониҳои худ захираи кофӣ ҷудо кунанд;<br>- нисбат ба истифодабарандагони худ шаффоф буда, онҳоро бо маълумоти кофӣ таъмин созанд, то имкон дода шавад, ки нақшу уҳдадориҳои худро дар идоракунии хавфҳои марбут ба истифодаи онҳо ҳамчун таҳвилгари хизматрасониҳо дарк намоянд. |

| | |
|---|---|
| | **Маҳдудиятҳо.**<br>Дар доираи Тартиби мазкур нисбати таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ ва операторони низоми пардохтӣ маҳдудиятҳои зерин муқаррар мегардад:<br>- ифшо накардани ҳуҷҷатҳо ва иттилооте, ки дар доираи амалисозии назорат аз оператори низоми пардохтӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон ва аз Бонки миллии Тоҷикистон ба оператори низоми пардохтӣ пешниҳод шудаанд, ба шахсони сеюм, ба истисноӣ ҳолатҳои муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- ба зиммаи аутсорсинг вогузор накардани вазифаи асосии амалиётӣ бе огоҳиномаи пешакии хаттӣ ва пешниҳоди маълумоти муфассал ба Бонки миллии Тоҷикистон;<br>- аутсорсинги вазифаҳои изтирорӣ ё муҳими амалиётӣ набояд тарзе сурат гирад, ки сифати назорати дохилии таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ ё оператори низоми пардохтиро паст намояд, барои аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон назорат кардани иҷрои ҳамаи уҳдадориҳои дар Тартиби мазкур муқарраршуда душворӣ ба миён орад ё сифати хизматрасонии ба муштарӣ пешниҳодшавандаро коҳиш диҳад;<br>- аутсорсинги вазифаҳо наметавонад боиси вогузории ваколатҳои мақоми идоракунӣ гардад.<br>Инчунин, операторони низоми пардохтӣ ҳуқуқ надоранд тағйиру иловаҳоро ба қоидаҳои низоми пардохтӣ бе пешниҳоди пешакии онҳо ба баррасии Бонки миллии Тоҷикистон ворид намоянд. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | То ин ҷониб назорати таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ, операторони низоми пардохтӣ ва операторони хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ дар Қонуни ҶТ “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” ва Тартиби гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ анҷом дода мешуд. Вале санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур механизми мушаххаси анҷом додани назоратро пешбинӣ намекунанд. |

| | |
|---|---|
| | Ҳамзамон, бо мақсади аз байн бурдани мушкилии бамиёномада, корҳои фаҳмондадиҳӣ ва чораҳои тавсиявӣ анҷом дода шуданд, вале натиҷҳои дилхоҳ надоданд.<br>Минбаъд, қабули Тартиби мазкур барои мукаммал намудан ва тақвият бахшидани механизми амалисозии назорати низоми пардохтӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои пардохтӣ аз ҷониби таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ, операторони низоми пардохтӣ ва операторони хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳавӣ дар самтҳои болозикр мусоидат менамояд.<br>Аз ин лиҳоз, бидуни қабули Тартиби мазкур ҳалли мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳаи назорати хизматрасониҳои пардохтӣ ва низомҳои пардохтӣ ғайриимкон мебошад. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Қабули Тартиби мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад.<br><br>Қабули Тартиби мазкур боиси **оқибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии** зерин шуда метавонад:<br><u>Оқибатҳои иқтисодӣ:</u><br>- ба самаранокӣ ва эътимоднокии низоми пардохтии кишвар мусоидат менамояд;<br>- субот, бехатарӣ ва муассирии низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад;<br>- барои рушди минбаъдаи низоми пардохтӣ ва хизматрасониҳои пардохтӣ заминаи устувор мегузорад;<br>- бозори хизматрасониҳои пардохтиро бо маҳсулотҳои нави муосир дар асоси технологияҳои молиявии рақамӣ рушд медиҳад;<br>- ҳиссаи ҳисоббарбаркуниҳои ғайринақдиро дар муомилоти кишвар афзоиш медиҳад;<br>- ҷараёнҳои молиявии субъектҳои хоҷагидорро шаффоф мегардонад;<br>- буҷети давлатиро ғанӣ мегардонад. |

| | |
|---|---|
| | <u>Оқибатҳои иҷтимоӣ:</u><br>- сатҳи маърифати молиявии аҳолиро баланд мебардорад;<br>- фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои пардохтӣ, алалхусус дар ноҳияҳои дурдасти кишвар таъмин карда мешавад;<br>- ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешавад. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Қабули Тартиби мазкур ба ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҷиҳати ба танзимдарории доноиҳои худ нисбат ба ухдадориҳои қабулшаванда ва дар ин замина сари вақт иҷро гардидани ухдадориҳои худ дар назди суғурташавандагон имконият медиҳад. Ташкилотҳои назоратшаванда дар доираи Операторони низоми пардохтӣ тибқи Тартиби мазкур бояд ҳармоҳа оиди иҷрои меъёрҳои муқаррарнамудаи он ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намоянд.<br>Дар сурати қабул гардидани қарори мазкур, баҳогузории риояи қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқукии Бонки миллии Тоҷикистон, таъмини субот, бехатарӣ ва муассирии низоми пардохтӣ, ҳавасмандӣ барои шаффофият, таъмини ҳамгироии амалиётӣ, афзоиши дастрасӣ ба хизматрасониҳои пардохтӣ ва кафолати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони ин хизматрасониҳо, таъмини фазои рақобатпазирӣ ва пешбурди фарогирии молиявӣ амалӣ мегардад, хавфҳои ба фаъолияти номунтазам дучор шудани низомҳои пардохтӣ коҳиш меёбанд.Ҳангоми амалисозии назорати низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки миллии Точикистон амалҳои зеринро анҷом медиҳад:<br>- ҷамъоварӣ, мураттабсозӣ ва таҳлили иттилоот (аз ҷумла маълумоти ҳисоботҳо), ки ба фаъолияти ташкилотҳои назоратшаванда ва иштирокчиёни низомҳои пардохтӣ, инчунин сохтори ташкилӣ ва фаъолияти низомҳои пардохтӣ дахл дорад;<br>- дастрас намудани ҳуҷҷатҳо ва дигар |

| | |
|---|---|
| | иттилооти зарурӣ аз такилотҳои назоратшаванда ва иштирокчиёни низоми пардохтӣ;<br>- арзёбии фаъолияти ташкилотҳои назоратшаванда ва иштирокчиёни низоми пардохтӣ;<br>- омода намудани таклифҳо оид ба тағйир додани фаъолияти ташкилотҳои назоратшаванда ва иштирокчиёни низоми пардохтӣ аз рӯи натиҷаи арзёбӣ.<br>Инчунин қайд кардан зарур аст, ки операторони низоми пардохтӣ тибқи Тартиби муқарраргардида ҳармоҳа ва ҳар семоҳа ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоботи дахлдор оид ба фаъолияти низоми пардохтӣ пешниҳод менамоянд.<br>Дар ин замина, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорати низоми пардохтӣ, бо истифода аз иттилоот ва ҳисоботҳои дастрасшуда на зиёдтар аз як маротиба дар ду сол дар ташкилотҳои назоратшаванда санҷиши нақшавӣ мегузаронад. Инчунин, ҳангоми халалдор шудани фаъолияти мунтазами низоми пардохтии аҳамиятнок, Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад санҷишҳои ғайринақшавӣ гузаронад.<br>Дар натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам маълумоти омориро оид ба вазъи низомҳои пардохтӣ ва операторони низоми пардохтӣ тавассути воситаҳои ахбори омма интишор менамояд. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 01 январи соли 2021 |

Муовини Раис Машрабзода Ҳ. М.